# ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи диссертатсионии Раҳимзода Муҳаммаднаби Маҳмадшоҳ дар мавзӯи «Методикаи ташаккули муносибати тамоюли касбии муаллимони ояндаи биология дар раванди таълими физика» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика аз рӯи ихтисоси-13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (методикаи таълими физика)

Масъалаи дар алоқаманди омӯхтани фанҳои гуногун аз дер боз диққати муҳаққиқони соҳаи таълиму тарбияро ба худ машғул дошта бошад ҳам, то ҳол ҳаст ҷузъиёте.ки ба таҳлилу баррасии густардатаре ниёз доранд. Ба таври алоҳида ва мушаххас тадқиқ намудани ин ҷузъиёт сабаб мегардад, ки онҳо пурратар ва ҳаматарафа омӯхта шаванд ва имконияти дар амалия санҷидани андешаҳои назариявии муҳаққиқон зиёдтар магардад. Ҳамин заруриятро ба назар гирифта, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Раҳимзода М.М. ба яке аз масоили муҳими рӯзмарраи улуми педагогӣ бахшида шудааст.

Муҳаққиқ дуруст қайд намудааст, ки фаъолияти таълимӣ ва маърифатии донишҷӯёи ихтисосҳои гуногуни омӯхгорӣ вақте самаранок мегардад, ки онҳо аз доираи ихтисоси худ низ маълумоти кофи ҳосил менамоянд. Аз ҷумла мутахасисониояндаи соҳаи биологияро низ лозим аст, ки аз илмҳои ғайритахасусӣ, аз ҷумла аз фанни физика дониши кифоякунандаро дошта бошанд.

Маҳияти назариявии тадқиқоти мазкур дар он аст, ки хулоса ва натиҷаҳои онро метавон барои васеъ намудани тасавуроти илмӣ дар бораи алоқамандии фанҳои физика ва биология истифода бурд. Муҳақиқ дараст қайд намудааст, ки дар замони муосир дилхоҳ тадқиқоти биологияро бидуни қонун мафҳумҳои физикӣ гузаронидан номумкин аст. Ба ҳамин хотир барои баланд бардоштани самаранокии

омодагии касбӣ ва фаннии омӯзгорони ояндаи фанни биология фаъолияти таълимӣ – маърифатии онҳороаз фанни физика пурзур кардан лозим аст. Барои расидан ба ин мақсад муҳақик як силсила методу усулҳоеро пешниҳод намудааст, роҳандозӣ кардани онҳо таълими физикаро барои донишҷӯёни ихтисоси биология самараноктар мегардонад.

Таҳлили автореферат маълум менамояд, ки мкҳаққиқ дар ҷараёни кори худ аз сарчашмаҳои гуногуни илмию тадқиқотӣ истифода бурда, дар асоси натиҷагирӣ аз андешаҳои донишмандони муваффақи соҳа ва мушоҳидаи бевоситаи ҷараёни таълиму тарбия дар муассисаҳои гуногуни таҳсилоти миёнаи умумӣ кори илмии хубе ба анҷом расонидааст ва аз уҳдаи иҷрои масъалаҳои ба ӯ вогузоршуда ба хуби баромадааст.

Бо вуҷуди ин муваффақиятҳо ва дар сатҳи баланди илмӣ таълиф гардонидани автореферат дар он яечанд ғалатии имлоиву техникӣ низ мушоҳида мешаванд. (саҳ. 7, 10, 11, 18) вале ин ғалатҳо хеле каму ночиз буда, ба ҳеҷ ваҷҳарзиши илмии авторефератропаст карда наметавонанд.

Таҳлили автореферат шаҳодат медиҳад,ки диссертатсияи Раҳимзода Муҳаммаднабӣ Маҳмадшоҳ дар мавзӯи «Методикаи ташакули муносибати тамоюли касбии муаллимони ояндаи биология дар раванди таълими физика» тадқиқоти пурра анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (методикаи таълими математика) ҷавобгӯ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

**Номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгор** ____________ **Гулманов У.Р.**

**Имзои Гулманов У.Р.-ро тасдиқ мекунам.**

**Сардори ШК ва КМ – и ДЭТ** **Каримов З.А.**

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи диссертатсионии Раҳимзода Муҳаммаднаби Маҳмадшоҳ дар мавзӯи «Методикаи ташаккули муносибати тамоюли касбии муаллимони ояндаи биология дар раванди таълими физика» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика аз рӯи ихтисоси- 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (методикаи таълими физика)**

Дар даврони 30 – соли истиқлолияти хеш давлати мо дар ҷодаи ҳамагуна соҳаҳҳо пешрафти бузургеро ба анҷом расондааст. Бо ташабуси пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон на танҳо дар соҳаи саноат ва хоҷагии қишлоқ, инчунин дар соҳаи илму маориф, донишандузӣ, эҳё намудани таърихи кӯҳанбунёди тоҷикон саҳифаҳои наве боз гардид, ки ин такони бузургеро дар ҷаҳонбинии тамоми хонандагони муассисаҳои миёнаи умумӣ ва олӣ ба вуҷуд овард.

Ин буд, ки барои пешрафти илму техника ва баланд бардоштани сатҳи донишу малака ва маҳорати хонандагону донишомӯзон як қатор қарорҳои меъёрҳои ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф. Консепсияи милли ва тарбиявӣ, Консепсияи рушди таҳсили касбӣ ва зарурати рушди фанҳои табиатшиносӣ, элон намудани соли 2019 соли тараққиёти илмӣ – техникӣ, солҳои 2020 – 2040 бистсолаи рушди фанҳои табиатшиносӣ, риёрӣ ва дақиқ қабул карда шудааст.

Раҳимзода М.М. тадқиқотро дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиётҳои тахассусӣ ва психологӣ-педагогӣ моҳият ва муҳиммияти проблемаи интихобнамударо асоснок намудааст, ки раванди ҷараёни таълими физика дар ташаккули муносибати тамоюлӣ касбии омузгорони ояндаро на фақат барои инкишофи тафаккури назариявӣ, инчунин барои баланд бардоштани дараҷаи айёнӣ-фасоҳатии тафаккури муаллимони ояндаи бо истифодаи маводҳои таълимӣ мусоидат намояд.

Дар автореферати Раҳимзода М.М. назарияҳои муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ бисёр дар раванди таълим имконоти истифодаи онро дар алоқамандӣ бо фанҳои дигар мавриди баррасӣ қарор додаанд. Корҳои ҷолиби муҳаққиқон А.М. Смолкин, С.А. Старченко, Е.В. Ермакова ва дигарон ба масъалаи таълими ҳамгирои фанҳои биология ва физика, бахшида шудаанд.

Раҳимзода М.М. дар автореферат моҳияти яклухтии мазмуни таълими биологӣ ва физикиро зикр мекунанд, чунки ин ягонагӣ барои рушди манфиатҳо ҷиҳати фаъолияти касбӣ таъсири мусбат мерасонад ва дар ин таҳқиқотҳо масъалаҳои имконоти истифодаи робитаҳои байнифаннӣ, ки барои тақвияти фаъолияти таълимӣ ва маърифатии донишҷӯён зарур мебошад, тахти назар гирифта шудааст. Яке аз шартҳои муҳимтарини ташаккул ёфтани мутахассиси соҳибкасбӣ ташаббускор, ошкор намудани имконот ва қудрати худ ҳангоми тайёрии касбӣ ба шумор меравад.

Аз ин лиҳоз, таҳлили вазъи масъалаи тайёр кардани муаллимони ояндаи фанни имконияти дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ доир ба фанҳои табиатшиносӣ пурзур мешавад, ки бо ихтилофотҳои зерин баён карда шудааст:

- зарурати тарбияи муаллимони фанҳои табиӣ талаботи муассисаҳои таҳсилоти олии касбии муосирро қонеъкунонда низоми тайёр кардани онҳо, ки зимни он ба методикаи таълими фанҳои табиӣ ва ташаккули салоҳиятҳои умумии касбӣ диққати кам дода мешавад;
- байни вазифаи гузошташуда оид ба гузариши таҳсилотӣ олии касбии педагогӣ ба таълими самарабахши фанни биология ва мавҷуд набудани низоми методологии тайёр кардани муаллимони ояндаи фанҳои табиӣ, аз он ҷумла аз фанни биология;
- байни вазъи кунунии дониши биологӣ ва мундариҷаи фанни физика, ки ба донишҷӯёни ихтисосҳои биологӣ таълим дода мешаванд сатҳи имрӯзаи рушди илми табиатшиносиро комилан инъикос намекунад.

Муаллиф дар зербоби якум ҷанбаҳои психологӣ-дидактикии фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ,моҳияти мафҳуми «фаъолгардонии таълимӣ-маърифатии донишҷӯён» маънидод шуда, методҳо ва шаклҳои фаъоли таълим мушаххас ба система дароварда шудааст. Раҳимзода М.М. дар зербоби дуюм истифодаи муносибати тамоюлӣ касбиро дар таълими физика ҳамчун воситаи фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-маърифатии муаллимони ояндаи биология ва тарзи истифода кардани он муайян карда шуда, таснифоти алоқаҳои байнифанни ва самаранокии корбурди онҳо дар раванди фаъолияти омӯзгорӣ нишон дода шудааст. Дар зербоби сеюм масъалаҳои ташаккули донишҳои методологии муаллимони ояндаи биология дар раванди омӯзиши фанни физика, баррасӣ шудааст.

Дар зербоби якум мақсаду вазифаҳо ва принсипҳои ташаккулёбии мазмуни курси физика барои донишҷӯёни ихтисосҳои биология бо истифода аз муносибати тамоюли касбӣ баррасӣ шудааст.

Раҳимзода М.М. дар зербоби дуюм ба шаклҳои асосии таълими донишҷӯён маърӯза, машғулиятҳои семинарӣ-амалӣ, корҳои озмоишӣ ва корҳои мустақилонаро дохил намудааст, ки ҳар кадоме дар омодагии касбии муаллими оянда нақши худро дорад. Муаллиф ташкили нисбатан самараноки раванди таълимро дар истифодаи маводҳои байнифаннии тамоюли касбидошта дар ҳама навъҳои машғулиятҳо зарур мешуморад.

Муаллиф озмоиши педагогӣро ба санҷиши истифодаи методикаи таҳияшуда, ки мақсади он фаъолгардонии фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишҷӯён ва муаллимони ояндаи биология бо истифодаи маводи мазмуни байнифаннидошта дар робита бо усулҳои фаъоли таълим бахшида, аз натиҷаи бадастомада, нишон медиҳад, ки мақсади асосии гузошташуда пурра натиҷагирӣ шудааст.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, арзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии рисоларо ҷиддан кам намекунанд. Муаллиф бояд дар фаъолияти илмӣ-омӯзгории минбаъдаи худ онҳоро ба эътибор гирад.

Ҳамин тавр, автореферати Раҳимзода М.М. дар мавзӯи «Методикаи ташаккули муносибати тамоюли касбии муаллимони ояндаи биология дар раванди таълими физика» тадқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷми корҳои тадқиқотии ба анҷом расида, арзиши назариявӣ ва амали хулосаҳои илмӣ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – назария ва методикаи омӯзишу парвариш (методикаи таълими физика) мебошад.

Мудири кафедраи физикаи умумӣ
ва технологияҳои таҳсилотии
Донишгоҳи давлатии Данғара, и.в.дотсент Ризоев С.Г

Имзои и. в.дотсен Ризоев С.Г-ро
тасдиқ менамоям Сардори шуъбаи
кадрҳо ва коҳои махсус. Ҷоббори Н.Ҷ

ШУЪБАИ КАДРҲО